## Ҳисобот дар бораи иҷроиши стратегияи рушди бахши бонкӣ дар Тоҷикистон (солҳои 2010- 2015)

| | Вазъи ҷорӣ | Амал/ислоҳот барои иҷро намудан | Вазорат, агентии масъул ва ғ. | Мӯҳлати иҷро | Кӯмаки техникии донор (агар чунин кӯмак расонида шавад) | Ҳолат |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **I. Бахши бонкӣ** | | | | | |
| | **А. Сохтори ҳуқуқӣ** | | | | | |
| **1.** | **БМТ** мустақилияти кофӣ надорад; Ваколатҳои БМТ оид ба назорати фаъолияти бонкҳо ва иҷозатномадиҳии онҳо аз Қонун "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" хориҷ карда шудаанд; зарур аст, ки ваколатҳои БМТ оид ба қабули чораҳои ҳифзи ҳуқуқ тақвият дода шавад; ваколатҳои БМТ оид ба пурзӯр кардани талаботи баҳодиҳии қарзҳои бонкӣ, танзими қарздиҳии вобаста дар бонкҳо, муайян кардани меъёри (талаботи) | • Ба Қонун "Дар бораи БМТ" аз рӯи тавсияҳои Барномаи Баҳодиҳии бахши молиявӣ (БББМ) тағйирот ворид карда шавад; нигаред: Замимаи А тавсияҳои муфассал барои ворид намудани тағйирот ба қонун.<br>• Қонуни аз нав баррасишуда "Дар бораи БМТ" мутобиқи стандартҳои байналхалқӣ омода карда шуда, ба Парламент пешниҳод гардад. | Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ), Дастгоҳи иҷроияи Президент (ДИП), Парламент | соли 2010<br><br>нимаи дуюми соли 2010 | Хазинаи байналхалқии Асъор (ХБА), Бонки Ҷаҳонӣ ва Ташаббуси ислоҳот ва тақвияти бахши молиявӣ (БҶ) (FIRST ТА.) | Тағйиротҳо моҳи августи соли 2009 тасдиқ шуда буданд. Баъзе аз тағйироту иловаҳои пешниҳодшуда дохил нашудаанд. Бо дастгирии ХБА соли 2010 барои пурра аз нав баррасӣ кардани Қонун "Дар бораи БМТ" чораҳо андешида мешаванд. |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | муносибу дахлдор, маъқул донистани харидории миқдори муайяни саҳмияҳои бонкӣ, танзими сармоягузориҳои бонкҳо ба дигар шахсони ҳуқуқӣ ва таҳияи маҷмӯи қонунҳои муосири идорасозии бонкҳо нокифоя мебошанд, ваколатҳои БМТ оид ба назорати маҷмӯӣ низ нокифоя мебошанд, заминаи ҳуқуқӣ барои фаъолияти Кумитаи сиёсати пулӣ вуҷуд надорад ва муносибату ҳамкориҳои институтсионалии мутақобилаи байни амалиёти монетарӣ ва фискалӣ равшан муайян нашудаанд, ҳимояи ҳуқуқҳои кормандони БМТ ҷавобгӯи талабот нест, заминаи ҳуқуқӣ барои ҳаллу фасли бархӯрди манфиатҳо дар | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | БМТ нокифоя аст; пурзӯр кардани махфият зарур мебошад. | | | | | |

**1.** Афзалиятҳо бо ду тарз нишон дода шудаанд: якум пайдарпай (маъмулан, вазифаҳои аз ҳама аввалиндараҷа дар навбати аввал баррасӣ карда мешаванд); дуюм, тавре ки дар нақшаи амалкард бо ҳарфи сиёҳ нишон дода шудааст.

| | **Вазъи ҷорӣ** | **Амал/ислоҳот барои иҷро намудан** | **Вазорат, агентии масъул ва ғ.** | **Мӯҳлати иҷро** | **Кӯмаки техникии донор (агар чунин кӯмак расонида шавад)** | **Ҳолат (то 1 сентябри соли 2009)** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **2.** | Тартиби амали ҳимояи ҳуқуқ **<u>барои бонкҳо</u>** ҳамеша муттасил татбиқ намегардад ва он пурра шаффоф нест; тартиби муфлисшавии бонкҳо дар Қонун “Дар бораи муфлисшавӣ” ба таври кофӣ равшан нишон дода нашудааст: барои бонкҳо тартиби алоҳидаи ҳимоя зарур аст; барои маъқул | • Ба Қонун “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” мутобиқи тавсияҳои БББМ тағйирот ворид карда шавад; ниг.замимаи А оид ба ҷузъиёти тавсияҳо барои тағйиротҳои ҳуқуқӣ.<br>• Баҳодиҳии қонун бо тағйироти ба он воридшуда иҷро карда шавад ва ҳангоми зарурат | БМТ, ДИП, Парламент | соли 2010<br><br>нимаи дуюми соли 2010 | Хазинаи байналхалқии Асъор (ХБА), Бонки Ҷаҳонӣ (FIRST TA.) | Қонуни нав моҳи майи соли 2009 қабул шудааст. |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | донистани қарзҳои калон ва хавфнок назорати қатъӣ лозим аст; заминаи ҳуқуқӣ барои назорати масъалаи бархӯрди манфиатҳо (этикаи хидматӣ) ҳангоми қарздиҳии инсайдерӣ ва вобаста кофӣ нест; дар бонкҳои давлатӣ бояд аудити ҳарсолаи берунӣ гузаронида нашавад; маҳдудиятҳо барои таъсиси филиали бонкҳо ниҳоят маҳдудкунанда аст, ки он дастрасии шахсони воқеӣ ва корхонаҳоро ба хизматрасониҳои молиявӣ камтар мегардонад. | нақша тартиб дода шуда дар он мӯҳлати ворид кардани тағйироти минбаъда нишон дода шавад. | | | | |
| **3.** | Ҳадди аксари муайяншудаи **<u>суғуртаи амонатҳо</u>** муқаррар нашудааст; суғуртаи амонатҳо бояд ба саҳмиядорони бонк ва | • Ба Қонун “Дар бораи суғурта кардани амонатҳо” мутобиқи тавсияҳои БББМ тағйирот ворид карда шавад; ниг. Замимаи А | БМТ, ДИП, Парламент | Нимсолаи дуюми соли 2010 | Бонки Ҷаҳонӣ (кӯмаки якуми техникӣ) (FIRST TA) | Лоиҳа омода шудааст ва айни замон ба расмият даровардани он дар ҳоли анҷомёбист. |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | тарафҳои ба онҳо алоқаманд дахл надошта бошад, мӯҳлати ҷуброн кардани суғурта ба амонатгузорон пешбинӣ нашудааст, намояндагони бонки тиҷоратӣ бояд аз ҳайати шӯрои идоракунандаи фонди суғуртаи амонатҳо бароварда шаванд, то ки ба сӯиистифодаи мақоми хидматӣ роҳ надиҳанд, сиёсати сармоягузории фонд ба кафолат ниёз дорад; гирифтани қарз аз Ҳукумат дар ҳолатҳои фавқулода танҳо дар сурати нокифоя будани маблағҳои фонд иҷозат дода шавад, то амонатҳои суғурташудаи бонки муфлисшуда пӯшонида шавад, гирифтани қарз аз бонкҳои тиҷоратӣ ба фонд иҷозат дода | тавсияҳои муфассал оид ба ворид кардани тағйирот ба қонун | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | намешавад. | | | | | |
| **4.** | Набудани қонун дар бораи мубориза ба муқобили қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст омада (қонун дар бораи софкории пул) | Қонун дар бораи софкории пул ба Парламент пешниҳод карда шавад. | ДИП, БМТ | Семоҳаи чоруми соли 2010 | БҶ, Раёсат оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткории СММ, ХБА(БҚТ – барномаи қарзи тамдидшуда), БТТА | Гурӯҳи корӣ дар ҳайати намояндагони вазорату идораҳои масъул лоиҳаи қонунро баррасӣ менамояд. Баъдан лоиҳа барои баррасӣ ба Парламент ирсол мегардад. |
| **5.** | Қонунҳое, ки **<u>қарздиҳии таъминшударо</u>** танзим мекунанд, дар аксари мавридҳо ба ҳамдигар монанд ва ё мухолифи якдигар мебошанд. Ин гуна номутобиқатӣ бесарусомониро ба миён оварда, амали гарави амволро заиф мегардонад. Расмиёти бақайдгирии моликият ва татбиқи маҷбурии қонунҳо дар бисёр ҷойҳо суст ба роҳ монда шудааст мебошад. Ин гуна расмиёт бинобар мавҷудияти якчанд | • Ҳаматарафа баҳо додани заминаи ҳуқуқӣ ва ниҳодии (институтсионалии) қарздиҳии таъминшуда, аз ҷумла омӯзиши муфассали фаъолияти мақомоти бақайдгиранда, ки манфиатҳоро барои таъмини амволи манқул ба қайд мегиранд, ба охир расонда шавад.<br>• Дар бораи | БМТ, ДИП, Вазорати адлия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (барои қонуни баҳодиҳӣ) | соли 2010<br><br>соли 2010 | Бонки Ҷаҳонӣ (FIRST TA.) | Лоиҳаи ҳуҷҷат барои баҳодиҳӣ ва вариантҳои стратегӣ омода шудааст ва ҳоло мавриди омӯзиш қарор дорад |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | қонуне, ки ҳамон як масъаларо танзим мекунанд, мушкил ва норавшан мебошад. Низоми ягонаи бақайдгирии ҳуқуқҳои моликият ва амалҳои ба он вобаста вуҷуд надорад. Вобаста аз шакли моликият дар рафти бақайдгирӣ ташкилотҳои зиёде иштирок менамоянд. Маълумоте, ки дар мақомоти бақайдгирии моликият мавҷуд аст, ба аҳли ҷомеа дастрас нест. Тартиби берун кардани шахсоне, ки аз ҳуқуқи бозхариди моликияти ба гаравгузошта маҳрум шудаанд, дуруст муайян нашудаст. Дар Қонун “Дар бораи баҳодиҳии арзиш” нишон дода шудааст, ки арзиши моликиятро бо мақсади қарздиҳӣ мақоми давлатӣ муайян мекунад, ки он | муроҷиат ба Бонки ҷаҳонӣ барои таҳияи ҳисобот оид ба риояи стандартҳо ва кодексҳои ҳуқуқҳои кредиторҳо қарор қабул карда шавад.<br>• Ҳуҷҷат бо нишон додани вариантҳои стратегӣ ва нақшаи амалкард барои гузарондани ислоҳот омода карда шавад.<br>• Нақшаи амалкард иҷро карда шавад. | | соли 2010<br><br>Солҳои 2010-2013 | Бонки Ҷаҳонӣ (FIRST TA.)<br><br>Ба кӯмаки техникӣ зарурат аст. | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ба бонкҳо ва муштариён пешниҳод мегардад. Дар ҷумҳурӣ бозори сертификатҳои истифодаи замин вуҷуд надорад ва бинобар он ин гуна шаҳодатномаҳо ба сифати гарав истифода шуда наметавонанд. | | | | | |
| | **Б. Ислоҳоти низоми танзим** | | | | | |
| **6.** | **<u>Низоми пардохт:</u>** Дар Низомномаи № 98 "Дар бораи ташкили ҳисоббаробариҳои байнибонкӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон" мӯҳлати анҷоми ҳисоббаробариҳо, зарурати ҳимояи ҳуқуқии низом аз муфлисшавии иштирокдорони низом ва аз сари вақт мусодира кардани амволи гарав ё амволи бинобар зарурати | Ба Низомномаи №98 мутобиқи тавсияҳои БББМ тағйирот ворид карда шавад; ниг. ба Замимаи Б тавсияҳои муфассал оид ба ворид кардани тағйирот ба санадҳои меъёрӣ. | БМТ, Хазинадории Вазорати молия (оид ба истифодаи имзоҳои электронӣ ва ҳуҷҷатҳо дар низомҳои пардохт ва ҳисоббаробарӣ) | Семоҳаи дуюми соли 2010 | Бонки Ҷаҳонӣ (FIRST TA.) | Лоиҳаи Низомномаи №98 омода шудааст, ки он дар айни замон мавриди баррассӣ қарор дорад Қоидаҳои амалигардонии пардохтҳои электронӣ тавассути низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон қабул гардид. |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | анҷом додани пардохт ба гаравгузошта; қоидаҳои дастрасӣ ба низом ва қоидаҳои истифодаи имзои электронӣ ва ҳуҷҷатҳои электронӣ дар низоми пардохт ва ҳисоббаробарӣ муайян нашудаанд | | | | | |
| **7** | <u>**Ба таснифи дороиҳо**</u> талабот ба афзоиши андозаи сармоя ва фоида ба таври бояду шояд инъикос нашудааст: бонкҳо ин қоидаҳоро махсусан нисбат ба қарзҳои инсайдерӣ суст риоя мекунанд. | Назорат пурзӯр карда шуда, рахнагиҳо пӯшонида шаванд, дар тасниф ва қоидаҳо сифати ҳақиқии қарзҳо нишон дода шавад. | БМТ | доимо | USAID | |
| **8** | Тартиби иҷозатномадиҳӣ ба усулҳои бунёдии (асосии) Базел мувофиқат намекунад. **[ОБП стр.19, ОП 3] [УАБ саҳ. 15 УАЗ ]** | Аз нав дида баромадани тартиби иҷозатномадиҳӣ бо мақсади ба усулҳои асосии Базел мувофиқ кардани он бо назардошти тағйиротҳои дар боло зикршуда ба санадҳои | БМТ | соли 2010 | USAID, Бонки Ҷаҳонӣ (FIRST TA) | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 9 | | меъёрӣ бо роҳи дида баромадан ё ҷорӣ кардани:<br><br>i) қоидаҳои иҷозатномадиҳӣ ва муқаррароти меъёрии дахлдор, ки ақаллан сохтори корпоративӣ, нақшаи бозаргонӣ, талаботи мутобиқати қоидаҳо ва идораи хавфҳои довталабони қарзҳоро муайян мекунад, дар кадом ҳолатҳо амали иҷҷозатнома боз дошта мешавад ва кай иҷозатнома бозхонд мешавад.<br>ii) нашри дастурамалҳо доир ба қоидаҳои иҷозатномадиҳӣ. Таҳия ва амалӣ кардани барномаи таълимӣ оид ба қоидаҳои иҷозатномадиҳӣ | | Солҳои 2010-2011 | USAID | |
| 9 | БМТ дорои режими маҳдуди | Муқаррароти меъёрӣ оид ба фаъолияти | БМТ, ВМ (оид ба назорати маҷмӯӣ) | соли 2010 | USAID, Бонки | Лоиҳаи муқаррароти меъёрии “Иҷозат оид |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | танзимкунандаи фаъолиятҳои сармоягузории бонкҳо мебошад. Низоми қаблан аз тарафи мақомоти назорат маъқул донистани сармоягузориҳо дар доираи лимит вуҷуд надорад ва ҳамзамон меъёрҳо (талаботҳо) –и дар Низомнома муқарраршуда, ки аз рӯи он мувофиқати сармоягузориҳо баҳогузорӣ мешавад, низ вуҷуд надорад, **[УАБ саҳ. 21 УАБ5]** | сармоягузории бонкҳо бо назардошти тағйироти ба санадҳои ҳуқуқӣ воридшуда, ки дар боло зикр гардид, омода карда шавад. Муқаррароти меъёрӣ бояд ин чизҳоро дар бар гиранд:<br>i) тартиби ҳисоботдиҳӣ оид ба фаъолияти сармоягузорӣ<br>ii) меъёрҳо барои гирифтани розигии зарурии пешакӣ;<br>iii) меъёрҳо сармоягузориҳои мусоид;<br>4) Ҳамроҳ кардани сармоягузориҳо ба назорати маҷмӯӣ; | | | Ҷаҳонӣ (FIRST TA.) | ба додани қарзҳои калон ва сармоягузориҳо ба ташкилотҳои қарзӣ" омода гардид. |
| **10** | БМТ ба таври номунтазам нисбат ба бонкҳое, ки талаботҳои мақбулро иҷро накарданд, махсусан нисбат ба бонкҳое, ки сармояи кофӣ надоранд, чораҳои ҳуқуқӣ истифода | Мутобиқи тағйиротҳо ба Қонун "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" мудохилаи БМТ зарур аст, агар БМТ чунин ҳисобад, ки амният ва устувории бонк зери хатар қарор дорад.<br>БМТ муқаррароти | | соли 2010 | ХБА, (БҚТ) USAID, Бонки Ҷаҳонӣ (FIRST TA) | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | мекунад **.[УАБ саҳ.38, УА 22]** | меъёрӣ таҳия менамояд, ки раванди тадбирҳои муосири ҷавобии ислоҳотиро, ки ҳолатҳои махсус, ба монанди нокифоягии сармояро ба миён овардаанд, муайян мекунад. Дар муқаррарот дақиқан ишорат карда мешавад, ки амалҳои БМТ саривақтӣ ва пешгӯишаванда буда, нисбат ба тамоми бонкҳо истифода карда мешаванд[2]. | | | | |

**2.** Дар ин муқаррарот бояд, масалан, муайян карда шавад, ки агар бонк сармояи кофӣ надошта бошад, он гоҳ ба бонк иҷозат дода намешавад, ки дороиҳои бо хавф андозашудаи худ ва бандҳои моддаҳои ғайритавозуниро дар як сол аз 5% зиёд намояд, меъёри фоизии амалкунандаи амонатҳоро, ки аз қурби миёнаи бозории амонатҳо зиёд мебошад, пардохт намояд, саҳмия харидорӣ кунад, ба саҳмиядорон суд (дивиденд) ҳисоб карда пардохт намояд ва дар муомила бо шахсони вобастаи бонк иштирок намояд. Агар бонк то андозаи муайян ё ниҳоӣ капитализатсия нашуда бошад, он гоҳ ҷалби амонатҳо (аз ҷумла, кушодани ҳисобҳои нави амонатӣ ва пурра кардани ҳисобҳои мавҷуда), сармоягузорӣ ба сармояи саҳомӣ ё коғазҳои қиматноки дигар шахсони ҳуқуқӣ, зиёд кардани дороиҳои бо хавф андозашуда ва бандҳои моддаҳои ғайритавозунӣ беш аз 1,25 фоиз дар се моҳ, зиёд кардани музди кор ё шаклҳои дигари пардохт ё додани мукофотпулӣ ба ягон роҳбар ё корманд ва додани ягон маблағи аз 1 фоизи дороиҳои умумӣ зиёд ба ягон шахси вобастаи бонк бидуни розигии мақомоти назорат ба бонк иҷозат дода намешавад.

| | Вазъи ҷорӣ | Амал ё ислоҳот барои иҷро намудан | Вазорат, агентии масъул ва ғ. | Мӯҳлати иҷро | Кӯмаки техникии донор (агар чунин кӯмак расонида шавад) | Ҳолат (то 1 сентябри соли 2009) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **11** | Дар қонуни мавҷуда ва дар муқаррароти меъёрӣ ба равандҳои идорасозии хавфҳои бонкӣ кам таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст, ба истиснои иқтибосҳо аз Низомномаи № 96 “Дар бораи назорати дохилии бонк”, ки аз роҳбарияти бонк андешидани чораҳоро оид ба “ҳамаи хавфҳои ба қарибӣ муайяншуда” талаб мекунад. Ба ин сиёсати қарзии бонкҳо, хавфи бозор, хавфҳои ҷуғрофӣ ва дигар хавфҳо дохил мешаванд. Бештари бонкҳо низоми технологияи иттилоотие, ки барои муайян ва андозагирӣ кардани хавфҳо имкон диҳад, надоранд.<br>**[УАБ саҳ.25, УА 11,12,13]** | Омода намудани муқаррароти меъёрӣ вобаста ба идорасозии хавф, ки ин чизҳоро дар назар дорад:<br>1) талабот оид ба мавҷудияти низоми технологияи иттилоотие, ки барои муайян ва андозагирӣ кардани хавфҳо имкон медиҳад;<br>2) раванди дохилӣ ва тартиби баҳодиҳии хавфҳо, назорат ва аудити дохилӣ;<br>3) идорасозии хавфҳои қарзӣ;<br>4) хавфи нархи дороиҳо;<br>5) хавфҳои вобаста ба қурби мубодила;<br>6) хавфи пардохтпазирӣ;<br>7) хавфи ҷуғрофӣ. | **БМТ** | соли 2010 | USAID.<br>Бонки Ҷаҳонӣ (FIRST TA) | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **12** | Низомномаи амалкунандаи № 132 "Дар бораи қарздиҳии вобаста" ба Усулҳои асосии Базел қисман мувофиқат мекунад, зеро БМТ ваколат надорад талаб кунад, ки маблағҳои ба тарафҳои вобаста додашуда, ки аз маблағи муайян зиёданд, аз тарафи Раёсат маъқул дониста шаванд.<br>Дар Низомнома оид ба манфиатҳои доираҳои алоқаманди бозаргонӣ ҳеч чиз гуфта нашудааст. Ғайр аз ин БМТ бояд ин маблағҳоро ҳангоми ҳисобу китоби сармояи меъёрӣ ба танзим дарорад.<br>**[УАБ саҳ.24 УА10]** | Ба Низомномаи №132 оид ба қарздиҳии вобаста тағйирот ворид карда шавад, то:<br>1) Раёсат қарзҳои муайянеро, ки маблағи онҳо аз ҳадди муайяни қарзии муқарраркардаи БМТ зиёд мебошад, ҳатман мақбул шуморад;<br>2) шахси (шахсони) бо бонк алоқаманд дар рафти муҳокима ва қабули қарор иштирок накуна(н)д;<br>3) аз сармоя тарҳ кардани маблағи қарз бо манфиатдорӣ;<br>4) дар бораи гарави ҳатмӣ ҳангоми қарздиҳӣ бо манфиатдорӣ;<br>5) ба манфиатҳои алоқамади бозаргонӣ ва инчунин саҳмиядорон татбиқ карда шавад;<br>6) ба БМТ иҷозат дода шавад, ки он бонкҳоеро, ки қарздиҳӣ бо манфиатдориро амалӣ мекунанд, муҷозот намояд ва ҷарима бандад. | **БМТ** | соли 2010 | USAID, Бонки Ҷаҳонӣ (FIRST TA) | Лоиҳаи Дастурамали №132 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти бонкҳо" омода гардидааст ва дар он ҳамаи эродҳо нисбат ба усулҳои асосии Базел ба назар гирифта шудаанд. Ҳамчунин ниг. моддаи 33 Қонуни №524 "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", ки 19 .05.с.2009 қабул шудааст. |
| **13** | Дар бораи амалиёти | Ҳамаи расмиёти зарурии иҷозатномадиҳӣ ба бонкҳои | БМТ | соли 2010 | USAID | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | филиалҳои бонкҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон айни замон ягон тартиби баҳодиҳии он, ки мақоми дохилии назорат дар кишвари бақайдгирии бонки хориҷӣ назорати маҷмӯиро истифода мебарад ё не, мавҷуд нест. Дар асл мақомоти назорат дар кишвари бақайдгирии бонкҳои хориҷӣ ҳамдигарро оид ба амалиётҳои бонкии бонкҳои худ дар Тоҷикистон хабардор намекунанд, сабаби ин пеш аз ҳама дар он аст, ки ин гуна амалиёт хеле маҳдуд буда, дар айни замон назорати бехатари онҳо ба пуррагӣ кафолат дода намешавад.<br>Аммо бо баробари таъсиси филиали бонкҳои хориҷӣ ва васеъ шудани доираи амалиёти онҳо вазъият метавонад тағйир ёбад.<br>**[УАБ саҳ.43 УАБ, УА251** | хориҷӣ таҳлил карда шавад, то ба мукаммалии онҳо боварӣ ҳосил гардад, ки онҳо илова бар ин таҳлили мутобиқат ба талаботи моликони ниҳоӣ ё ҳақиқии довталабонро барои гирифтани иҷозатнома ва тафтиши шаффофияти сохтори ташкилот ва кафолати назорати босамар, ки мақоми назорати мамлакати бақайдгирии бонки хориҷӣ анҷом медиҳад, аз ҷумла назорати шоистаи ҳамаҷониба ва таъмини ҳамкориҳои босамарро бо мақоми назорати кишвари бақайдгирии бонки хориҷӣ пешбинӣ менамоянд.<br><br>Дар бораи назорати маҷмӯӣ бо мақомоти назоратии кишвари бақайдгирии филиали бонкҳои хориҷӣ, ки дар Тоҷикистон филиал доранд, Ёддошти тафоҳум ба имзо расонида шавад.<br>Байни довталабони ояндаи иҷозатномаҳо ва мақомоти назоратии кишвари бақайдгирии довталабон дар марҳилаи иҷозатномадиҳӣ | | | Бонки Ҷаҳонӣ (FIRST TA) | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | равобити расмӣ барқарор карда шавад ба филиали бонкҳои хориҷӣ иҷозатнома танҳо дар ҳолате дода шавад, ки агар мақомоти назоратии кишвари шахси довталаб бо БМТ барои назорати ширкати фаръӣ, шӯъба ё филиали бонки хориҷӣ Ёддошти тафоҳум ба имзо расонад. | | | | |
| **14** | Заминаи меъёрию ҳуқуқии назорати маҷмӯӣ ҳанӯз ташкил нашудааст. **[ОБП ст.13 и ст.35, ОП 20]** | Мутобиқи тағйироти ба Қонун “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” воридшуда, гузаронидани назорати маҷмӯӣ талаб карда шавад; доир ба ин масъала низомномаи дахлдор омода карда шавад. | БМТ, Вазорати молия | соли 2010 | USAID, Бонки Ҷаҳонӣ (FIRST TA) | Иҷро шудааст. Қарори Раёсати БМТ №197 аз 21 июни соли 2007 “Дастурамалҳо оид ба роҳнамоии маҷмӯӣ” тасдиқ гардид. Баъд аз қабули қонуни тағйирдода “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ба ин дастурамалҳо тағйирот ворид гардид (боби 5, |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | моддаи 52, **қисми 1)** |
| | **B. Назорати бонкӣ** | | | | | |
| **15** | Назорати бонкие, ки ба усулҳои асосии Базел кам мутобиқат дорад. | 1. иҷрои усулҳои асосии Базел пас аз қабули низомномаҳои нав баҳо дода шавад;<br>2. нақшаи амалкард бо нишон додани мӯҳлати иҷрои тавсияҳои шарҳи ПАБ (BCP) омода карда шавад;<br>3. нақшаи амалкард аз рӯи тавсияҳои ПАБ иҷро карда шавад. | | соли 2010<br>семоҳаи 2-4 соли 2010<br>солҳои 2011-2015 | USAID | |
| **16** | Рушди босуръати амонатҳо ва қарзҳо, аз ҷумла қарзҳои бахши кишоварзӣ; набудани идорасозии хавфҳо дар бонкҳо; афзоиши додани қарз бо доллар; ноогоҳии бонкҳо ва қарзгирандагон аз хусуси хавфҳои қарзие, ки бо қурби мубодила вобастаанд. | • Мониторинги амиқи сифати қарзҳо, захираҳои бонкҳо; ва қабули чораҳои ислоҳӣ ҳангоми зарурат. | **БМТ** | Идома дорад | USAID | Мутобиқи қарори БМТ № 179 аз 22 майи соли 2009 нақшаи амалкард оид ба татбиқи тадбирҳои кӯтоҳмӯҳлати зиддибӯҳронӣ тартиб дода шудааст. Тибқи қарори БМТ № 37 аз 9 феврали |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | соли 2009 бо мақсади мӯътадил сохтани бозори дохилии асъор, инчунин мониторинги пардохтпазирии бонкӣ Комиссияи фавқулода ташкил дода шудааст. |
| **17** | БМТ аз кӯмаки маблағгузорикардаи ЮСАИД манфиати зиёд ба даст овард.<br>Татбиқи тағйиротҳои пешниҳодшаванда ба қонун, ки дар боло ишора шуд ва муқаррароти зарурии меъёрӣ, ки ба ин тағйиротҳо алоқамананд, аз БМТ фароҳам овардани шароиту имконоти иловагиро талаб мекунанд. | Нақшаи таълим ва зиёд намудани имконот омода гардад ва мазмуну мӯҳтаво ва роҳҳои амалӣ намудани он дар соҳаҳои зерин муайян карда шавад:<br>1) тартиби иҷозатномадиҳӣ;<br>2) талабот ба идорасозӣ;<br>3) низоми назорат кардани хавфҳо;<br>4) назорати маҷмӯӣ;<br>5) сиёсати ифшои иттилоот;<br>6) интишори маълумот дар бораи вазифаҳои БМТ ва раванди | | соли 2010<br><br>Солҳои 2010-13 | USAID,<br>Ба кӯмаки нави техникӣ зарурат аст. | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | назорат;<br>7) назорат кардани низоми пардохт;<br>8) масъалаҳое, ки доир ба назорат дар маҳалҳо ва назорати фосилаанҷом ба миён меоянд, инчунин масъалаҳое, ки зимни вохӯрии кормандони назорати бонкии БМТ бо аъзои раёсати бонкҳо ба миён гузошта мешаванд;<br>9) истифодаи аудиторони берунӣ аз тарафи БМТ;<br>10) гурӯҳбандии дороиҳо ва ташкили захира барои пӯшонидани талафот;<br>11) қарз ба шахсони вобаста;<br>12) чораҳои саривақтии ислоҳотӣ<br><br>Амалӣ намудани нақшаи таълим ва зиёд намудани имконот | | Солҳои 2010-2015 | | |
| Г. **Идорасозӣ дар БМТ** | | | | | | |
| **18** | Тавре дар боло дар қисмати ба масъалаҳои | Мутобиқи тағйиротҳои ба Қонун дар бораи БМТ | БМТ | Июни 2010 | ХБА (БҚТ) | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | қонунгузорӣ бахшидашуда ишора шуд, муқаррароти возеҳу равшан дар бораи масъалаи бархӯрди манфиатҳо дар БМТ мавҷуд нест; Раёсат, роҳбарият ва ҳайати кормандони БМТ ӯҳдадор нестанд маълумотро дар бораи авуарҳои шахсии худ, инчунин дар бораи авуарҳои аъзои хонаводаи худ дар муассисаҳои молиявӣ ифшо намоянд; аз онҳо талаб карда намешавад, ки қарорҳои расмиеро, ки ба ин муассисаҳо дахл доранд, рад кунанд. | воридшуда, ки дар боло зикр шуданд:<br>1) дар сомонаи БМТ феҳристи манфиатҳои тиҷоратии аъзои Раёсат ва роҳбарияти олии БМТ ташкил карда шавад;<br>2) татбиқи сиёсате, ки аз мансабдорон ҳангоми қабули қарор дар бораи масъалаҳои бархӯрди манфиатҳо канораҷӯиро тақозо мекунад, ва<br>3) интишор ва ба аҳли ҷомеа расонидани кодекси рафтор ва механизми риоя шудани он | | 2011<br>2011<br>2011 | Ба кӯмаки техникӣ зарурат аст<br>Ба кӯмаки техникӣ зарурат аст<br>Ба кӯмаки техникӣ зарурат аст | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| **19** | Ҳайати (аъзои) Раёсати БМТ ҳанӯз пурра таъин нашудааст. | **Ҳамаи аъзои Раёсати БМТ, аз ҷумла се аъзои кумитаи иҷроия ба мӯҳлати муайян таъин карда шавад.** | БМТ | июни 2010 | ХБА (БҚТ) | |
| **20** | Баровардани кафолату гаравнома аз рӯи қарзҳои бахши пахтакорӣ ва пешниҳоди маълумоти нодуруст аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон камбудиҳоро дар мавриди вазифаҳои аудити дохилӣ, Шӯрои нозирон ва умуман дар идорасозии БМТ ошкор сохт. | Ҳисоботдиҳии БМТ пурзӯр карда шавад;<br>Гузаронидани аудити семоҳаи ҳисоботҳои молиявии БМТ ва гузаронидани ҷалсаҳои Шӯро;<br>Таъсис додани Кумитаҳои Шӯрои БМТ, аз ҷумла кумитаи аудит;<br>Мутобиқи қонуни нави БМТ аз додани қарзҳои нав ба бахши хусусӣ, ба истисноӣ додани қарз барои пурра кардани пардохтпазирӣ ё дар ҳолатҳои тамоман бад шудани вазъи молиявии бонкҳо ё муфлисшавии онҳо (қарздиҳандаи сатҳи ниҳоӣ) худдорӣ карда шавад. | БМТ | 2010<br><br>Доимо, июни 2010<br><br>Иҷро шуда истодааст | ХБА, SECO (БҚТ)<br><br>ХБА (БҚТ)<br><br>ХБА (БҚТ) | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **21** | БМТ воситаҳо ва нармиятро дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ маҳдуд кардааст. | Низомнома дар бораи ташкили хизматрасонии пулакӣ ва ҳафтрӯза аз рӯи амонатҳо, ки БМТ дар он ба сифати хизматрасони ягонаи амонатҳо дар бонкҳо хизмат мекунад, қабул карда шавад. | | | | |
| **22** | Қонуни БМТ вазифадор менамояд, ки ақаллан як моҳ пеш аз ворид кардани тағйирот ба меъёрҳои мақбул (пруденсиалӣ) огоҳинома фиристода шавад. Бо вуҷуди риоя гардидани ин муқаррарот, тағйиротҳои пешниҳодшуда аз тарафи бахши бонкӣ ҳаматарафа баҳо дода нашудаанд. [DMP саҳ. 22 банди 2.5] | Методу усулҳои баррасии муқаррароти пешниҳодшудаи мақбули (пруденсиалии) меъёрӣ бояд бо Ассотсиатсияи бонкҳо мувофиқа карда шуда, на танҳо дар ҷараёни огоҳсозии пешакӣ, балки дар рафти машварату маслиҳат низ иштирок намуд. | БМТ | Соли 2010 | Ба КТ зарурат нест | |
| **23** | БМТ қисми зиёди маълумот, аз ҷумла маълумот дар бораи вазъи ҳармоҳаи молиявии БМТ-ро нашр мекунад. Аммо мӯҳлат ва фосилаи хабардор кардани аҳли ҷомеа аз хусуси маҷмӯи амалиётҳои бозори бонкӣ | • Тартиб додани ҷадвали хабардор кардани аҳли ҷомеа аз амалиётҳои БМТ дар бозори бонкӣ ва нашри маълумот оид ба арзиши умумии амалиётҳо мутобиқи ҷадвали | • БМТ | соли 2010<br><br>2011 | • Ба кӯмаки техникӣ зарурат нест.<br>• **ХБА, (БҚТ)** | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | муайян нест. БМТ ҳисоботи солонаи худро хеле дер ба нашр мерасонад. **[DMP саҳ. 23 банди 3.2]** | муқарраршуда.<br>Ҳисоботи солона на дертар аз охири семоҳаи якуми соли оянда нашр карда шавад. Ҳисоботҳои молиявии аз тарафи аудит тафтишшуда барои охири сол якҷоя бо ҳисоботи аудит дар сомонаи БМТ нашр карда шавад. | | Доимо | | |
| **24** | БМТ сармояи кофӣ надорад. | Барои таҳияи стратегияи рекапитализатсияи БМТ гурӯҳи корӣ ташкил карда шавад.<br>Стратегияи рекапитализатся омода ва амалӣ карда шавад | ДИП, БМТ | соли 2010<br><br>солҳои 2010-2015 | ХБА<br><br>ХБА | |
| | | | | | | |
| **Ғ. Идорасозии бонкҳои тиҷоратӣ** | | | | | | |
| **25** | Моликияти ҳақиқӣ ва манфиатҳои моликон дар дигар соҳаҳои иқтисод ношаффоф мебошад. Агентии рушди бозори сармоя дар назди Вазорати молия дастурамал ва низомномаи меъёрӣ таҳия намуда, ҳамаи корпоратсияҳо, аз ҷумла бонкҳоро вазифадор кард, ки маълумоти мавҷударо | • Пойгоҳи маълумоти моликони ҳақиқии ҳамаи ширкатҳои ба руйхати Агентӣ дохилшуда ба анҷом расонида шавад ва дар сомонаи вазорат нашр карда шавад<br>Мутобиқи тағйиротҳо ба санадҳои қонунгузорӣ ва дастурамали Вазорати молия, низомномаи меъёрӣ дар бораи нашри маълумот оид | БМТ, Вазорати молия | солҳои 2010-2011 | Ба кӯмаки техникӣ зарурат нест.<br>USAID, Бонки Ҷаҳонӣ, БТТА | Низомномаи меъёрии мазкур соли гузашата дар асоси маълумоти пешниҳодкард аи Агентии рушди бозори сармоя омода шуда, дастурест, ки иҷрои он аз |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | дар бораи саҳмиядорон-манфиатдорон (бенефитсиарҳо) нашр намоянд. Аммо айни замон агентии мазкур барои таъмини риояи ин низомномаи меъёрӣ на дар бахши воқеӣ ва на дар бахши бонкӣ на роҳбарӣ мекунад на мониторинг анҷом медиҳад. Агентии мазкур талош дорад механизми мониторинг ва риояи низомномаи мазкури меъёриро баррасӣ намояд. | ба моликияти ҳақиқии бонкҳо омода карда шавад. Дар низомномаи мазкури меъёрӣ масъалаҳои зерин фаро гирифта шаванд:<br>1) нашри маълумот дар бораи моликияти ҳақиқии бонкҳо;<br>2) дохил кардани маълумот дар бораи моликияти ҳақиқии бонкҳо ба маълумотҳои БМТ, ки ба аҳли ҷомеа дастрас бошанд;<br>3) интишори маълумот дар бораи муносибатҳои мустақими саҳомӣ ва дигар муносибатҳо бо дигар бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ, аз қабили ширкатҳои суғурта, ширкатҳои лизинг ва ғайра.<br>4) интишори маълумот дар бораи хусусиятҳои фаъолияти бонкҳо бо ҳар як ташкилоти ба онҳо алоқаманд. | | соли 2011 | | тарафи ширкатҳои саҳомии Тоҷикистон, аз ҷумла бонкҳо ҳатмӣ мебошад.<br>Аммо айни замон агентии мазкур риояи ин низомномаро дар бахши воқеӣ ва бонкӣ сарпарастӣ намекунад ва мониторингӣ онро низ анҷом намедиҳад. Агентӣ кӯшиш дорад, ки механизми мониторинг ва риоя кардани ин низомномаро баррасӣ намояд. |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | • ташкили механизми назорат ба мониторинги амалӣ намудаи сиёсати пешгирифта. | | | | |
| **26.** | Тавре дар боло қайд шуд, ворид кардани тағйирот ба санадҳои қонунгузорӣ зарур мебошад. Онҳо масъулияти БМТ-ро барои идорасозии босамари низоми бонкӣ таъмин хоҳанд кард. Мутобиқи тағйиротҳои ба санадҳои қонунгузорӣ воридшаванда ба БМТ зарур аст, ки баҳри иҷрои ин талаботҳо заминаи меъёрӣ фароҳам оварад. | Мутобиқи усулҳои Созмони ҳакориии иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) дар бораи идорасозии босамар ва мутобиқи усулҳои асосии Базел низомномаи меъёрии идорасозӣ омода карда шавад. Низомномаи мазкури меъёрӣ бояд дастурамалеро оид ба бонкҳо бораи таҳияи ҳуҷҷати идорасозӣ, ки аз тарафи Шӯрои мудирони ҳар як бонк ва БМТ маъқул дониста мешавад дар бар гирад.<br>Ин ҳуҷҷат бояд:<br>1) ӯҳдадориҳои Раёсатро мутобиқи талаботи муайянкардаи Қонун “Дар бораи БМТ” , Қонун “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, Қонун “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” ва ғайра муайян кунад; | БМТ | соли 2010 | БҶ, ИА, КБМ, БТТА | Дар айни замон КБМ барои Тоҷикистон Кодекси идорасозии корпоративиро таҳия карда истодааст. Ба гурӯҳи корӣ Вазорати молия, БТТА, КБМ, Ассотсиатсияи бонкҳо, Вазорати адлия, БМТ, ГКИУГМ, инчунин намояндагони ширкатҳои саҳомӣ ҷалб шудаанд. Пас аз қабул шудани Кодекс бо назардошти |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2) тартиби ташкили Шӯрои нозирон (миқдор ва тахассуси нозирон мустақил, Кумитаҳо)-ро муайян кунад;<br>3) вазифаю ӯҳдадориҳои Шӯрои нозирон ва Раёсатро дуруст тақсим намояд;<br>4) идораи назорати дохилиро, ки ба Раёсат ҳисоботдиҳанда аст, таъсис диҳад;.<br>5) доираи бархӯрди манфиатҳоро дар ташкилот муайян намуда, тартиби ҳалли онҳоро ба роҳ монад.<br>6) таҳияи кодекси рафторро дар ташкилот талаб намояд.<br>7) таҳияи сиёсати ифшои маълумоти молиявиро, ки давра ба давра нав ва мукаммал кардани он ва аз хусуси тағйиротҳои назаррас фавран хабардор | | | | талаботи мушаххаси бахши бонкӣ ба он тағйирот ворид кардан мумкин аст. БМТ кодекси идорасозии корпоративиро ҳамчун низомномаи меъёрӣ, ки иҷрои он ҳатмист, тасдиқ хоҳад кард. Кодекси мазкур асосан ҳамаи масъалаҳоеро, ки дар ин банд зикр шудаанд, дар бар мегирад. |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | карданро пешбинӣ менамояд, талаб намояд.<br>8) интишори маълумотро дар бораи сиёсати идорасозии бонки тиҷоратӣ талаб намояд[3] | | | | |
| **3. Лоиҳаи Корпоратсияи Байналхалқии Молиявӣ (КБМ) айни замон дар таҳияи кодекси умумии идорасозии корпоративӣ барои Тоҷикистон ёрии амалӣ мерасонад. Дар гурӯҳи корӣ намояндагони бонкҳои тиҷоратӣ, БМТ ва Ассотсиатсияи бонкҳо иштирок мекунанд. Дар кодекси идорасозии корпоративӣ таламботу эҳтиёҷоти мушаххаси бонкҳоро пешбинӣ кардан мумкин аст ва БМТ онро ҳамчун низомномаи ҳатмӣ ё кодекс қабул хоҳад кард.** | | | | | | |
| **27.** | Мутобиқи муқаррароти меъёрии дар боло зикршуда, БМТ бояд дар ҳар як бонк механизми шарҳи сиёсати идорасозиро ташкил намуда, иҷрои онро назорат намояд. | Идораи назорати бонкии БМТ:<br>• барои санҷиши ҳуҷҷатҳои марбут ба идорасозӣ, ки ҳар як бонк пешниҳод мекунад, корманди дахлдор таъин менамояд.<br>• барои назорати фаъолияти дар маҳалҳо гузаронидашаванда таҳлили низомҳои | БМТ | соли 2010 | • БҶ, USAID Ба кӯмаки техникии иловагӣ зарурат аст. | Мутобиқи “Дастур оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳо” барои ба шакли ягонаи ҳисоботии UBPR, низоми рейтингдиҳии CAMEL ва тавсияҳои Базел мутобиқ намудани “Ҳисобот дар |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | идорасозиро ба зимма мегирад;.<br>• шакли стандартии ҳисоботиро мутобиқи низомномаи меъёрии идорасозӣ омода намуда, онро ба соҳаи назорати муқаррарии берунӣ ҳамроҳ мекунад | | | | бораи натиҷаҳои санҷиш" кор бурда шуда истодааст. |
| **28** | Бонкҳо ба хавфҳои калон ва торафт афзоянда дучор шудаанд (масалан, қарзҳои мустақими ба бахши пахтакорӣ додашуда; хеле зиёд шудани қарзҳои бахши кишоварзӣ; зиёд будани қарзҳои бо асъори хориҷӣ додашаванда, бо вуҷуди он ки қарзгирандагон бо пули миллӣ даромад ба даст меоранд). | •Ҳукумати ҶТ дар хусуси ҳалли қарзҳои бахши пахтакорӣ қарор қабул мекунад;<br>Ҳукумат истифода бурдани методологияи TAFF –ро барои механизми маблағгуории давлатии бахши кишоварзӣ супориш медиҳад; Ҳукумат ба бахши кишоварзӣ маблағҳои иловагӣ ҷудо намекунад, ба ҷои ин захираҳое, ки барои додани қарз ба бахши кишоварзӣ дастрасанд, дар соли 2010 то андозаи маблағҳои қарзии соли 2009 маҳдуд карда мешавад ва маблағи пардохти ҳадди | ДИП<br><br>ДИП, Вазорати молия | соли 2010<br><br>иҷро солҳои 2010-2015<br><br>охири соли 2010 | ХБА<br><br>TAFF БТТА(Фонди ЭТС, ИА), ХБА | БТТА маблағгузории алтернативии бахши кишоварзиро тавассути бонкҳои маҳаллӣ дар доираи барномаи TAFF дастгирӣ менамояд. БТТА бо 3 бонки тиҷоратӣ ба маблағи 11 млн. доллари ИМА (АИБ, ТСОБ, БЭ) созишномаи |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | аксари он то 130 млн. сомонӣ мебошад.<br>• Ҳукумати ҶТ қарздиҳии мустақимро ба соҳаи кишоварзӣ тавассути бонкҳо қатъ намуда, ба сохторҳои молиявии бозорӣ хизматрасонии соҳаи кишоварзиро иҷозат хоҳад дод (Вазорати молия пешниҳод менамояд, ки ин матлаб хориҷ карда шавад, вале мо мехостем, ки он ақаллан барои муҳокима дар семинар боқӣ монад) | | соли 2012 | | TAFF-ро ба имзо расонд. Дар назар аст, ки бо баробари ба барнома шомил гардидани шумораи зиёди бонкҳо маблағгузорӣ низ зиёд хоҳад шуд. Барои хуб баҳо додани хавфҳои қарзӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди маҳсулоти қарзие, ки ҷавобгӯи талаботи соҳаи кишоварзӣ мебошад, ба бонкҳои ҳамкорикунанда кӯмаки техникӣ расонида мешавад. |
| **29** | Бонкҳо низоми босамари | Бонкҳо бояд низоми | БМТ, бонкҳои | солҳои | • БТТА, | БТТА барои |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | идорасозии хавфҳоро надоранд. | идорасозии хавфҳоро бо ин роҳҳо беҳтар намоянд:<br>1) беҳтар кардани малакаи муайян ва андозагирӣ кардани хавфҳо;<br>2) навсозии низоме, ки ба муайян кардани сатҳи оқилонаи хавф вобаста аст.<br>3) истифодаи низоми кам кардани сатҳи хавф (даъвои судӣ, сиёсати гарав, истифодаи суғурта ва дигар воситаҳо)<br>4) ташкил намудани низоми идорасозии хавфҳо ва назорати онҳо мутобиқи низомномаҳои меъёрие, ки БМТ омода менамояд.<br>5) ташкил намудани низоми идоракунӣ мутобиқи талаботи низомномаҳои меъёрие, ки оид ба ин масъала таҳия мешаванд. | тиҷоратӣ ва Ассотсиатсияи бонкҳо | 2010-2015 | КМБ, Ба кӯмаки техникӣ зарурат аст. | идорасозии хавфҳо ба Бонки Эсхата кӯмаки техникӣ расонид ва дар доираи IBP ба Агроинвестбонк кӯмак хоҳад кард.<br><br>Кӯмаки техникӣ барои ошкор ва бартараф кардани сохтакорӣ бо мақсади дастгирии бонкҳои ҳамкорикунанда дар баробари хавфи қаллобӣ дар бахши бонкӣ аз тарафи БТТА ба нақша |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | гирифта мешавад.<br><br>БТТА ба наздикӣ Лоиҳаи кӯмаки техникиро оид ба баҳодиҳии қарз оғоз хоҳад кард, ки ин ба бонкҳои ҳамкорикунанда барои рушди низомҳои муосири баҳодиҳии қарз ёрӣ хоҳад расонд.. TAFF БТТА ва КТ ва ёрии машваратӣ оид ба қарзҳо ба тақвияти идорасозии хавфҳо дар бонкҳои ҳамкорикунанда мусоидат |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | хоҳад кард. |
| 30 | Пардохтпазирии бонкҳо дучори тағйироти зиёд мебошад: тағйироти сатҳи назаррас (солҳои 2006-2007) ва тағйироти сатҳи маҳдуд (солҳои 2008-2009) | Бонкҳо бо ин роҳҳо маҳорати идоракунии хазинадориро беҳтар мекунанд:<br>1) пешгӯӣ намудани пардохтпазирӣ;<br>2) муқаррар кардани модулҳои махсуси ТИ барои идоракунии хазинадорӣ;<br>3) таҳияи сиёсати савдо бо назардошти даромаднокӣ баъд аз ташкили бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ (ниг. ба идомаи матн). | Бонкҳои тиҷоратӣ ва Ассотсиатсияи бонкҳо | 1) соли 2010<br>2) солҳои 2010-2011<br>3) соли 2012 | БТТА (дигар бонкҳо ба кӯмаки техникӣ ниёз доранд) | Идорасозии маблағҳо дар бонкҳои ҳамкорикунанда (Агроинвестбонк ва Бонки Эсхата) бо кӯмаки IBP БТТА тақвият ёфтааст . |
| 31. | Дар маҷмӯъ сатҳи истифодаи низомҳои технологияи иттилоотӣ (ТИ) дар бонкҳо паст ва ҳатто дар идораҳои гуногуни ҳамон як бонк ҳамгун нест; набудани сарфакорӣ бинобар васеъ будани миқёси фаъолият яке аз сабабҳои сатҳи пасти истифодаи ТИ ба ҳисоб меравад. | Барои санҷишу таҳлил аз ҳисоби аъзои Ассотсиатсия бонкҳо гурӯҳи истифодабарандагони ТИ ташкил карда шавад.<br><br>Дар ин бора ҳисобот пешниҳод гардад: а)вариантҳои ба роҳ мондани сарфакорӣ ба туфайли афзоиши миқёси фаъолият ҳангоми қабули қарор оид ба низомҳои ТИ; б) беҳтар кардани протоколҳои алоқаи | Ассотсиатсияи бонкҳо, АМФОТ, БМТ | соли 2010<br><br>соли 2010 | БТТА (дигар бонкҳо ба кӯмаки техникӣ (КТ) ниёз доранд) | Насби низоми иттилоотии идора (НИИ)- и ҷавобгӯи таъминоти барномавии мавҷуда барои бонкдории байналмилалӣ бо дастгирии БТТА дар Бонки Эсхата, ба Агроинвестбонк барои интихоб ва |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | байниҳамдигарии низомҳои гуногуни ТИ; ва в)ташкили курсҳои муштараки таълимӣ доир ба ТИ | | | | насби НИИ – нав дар доираи IBP кӯмак расонида мешавад. |

| | Вазъи ҷорӣ | Амал ё ислоҳот барои иҷро намудан | Вазорат, агентии масъул ва ғ. | Мӯҳлати иҷро | Кӯмаки техникии донор (агар чунин кӯмак расонида шавад) | Ҳолат (то 1 сентябри соли 2009) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Д. Маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратӣ** | | | | | | |
| **32** | Дастрасии маҳдуди ноҳияҳои деҳот ба маблағгузорӣ; маҳдудии малакаи аҳли деҳот дар гирифтани қарз ва қарз барои соҳаи кишоварзӣ | Таълиму омӯзиши бонкҳо доир ба маҳсулоту хизматҳое, ки онҳо ба муштариёни деҳот мерасонанд. | Бонкҳои тиҷоратӣ ва Ассотсиатсияи бонкҳо | солҳои 2010-2015 | • БТТА, КМБ, Ба кӯмак и техни кии | КМБ дар соҳаи маблағгузори и кишоварзӣ кӯмаки техникӣ мерасонад; TAFF |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | дигар зарурат аст. | (БТТА/ИА) ва TAFF II барои зиёд намудани имконоти ташкилотҳои ҳамкорикунанда дар мавриди додани қарз ба хоҷагиҳои навтаъсиси бахши кишоварзӣ кӯмак мерасонанд. |
| **33** | Танҳо миқдори ками интиқолҳои пулӣ дар ҳисобҳои андӯхт дар бонкҳо нигоҳ дошта мешаванд; қисми ночизи интиқолҳои пулӣ барои сармоягузорӣ истифода мешавад. | Бо мақсади ҷалби интиқолҳои пулӣ маҳсулот ва хизматрасонӣ беҳтар карда шавад; зиёд намудани дараҷаи шаффофият, интишори маълумот, ҳимояи истеъмолкунанда (аз ҷумла ҳифзи маълумот) | Бонкҳои тиҷоратӣ ва Ассотсиатсияи бонкҳо | солҳои 2010 - 2015 | БТТА, БТСММ, (дигар кӯмаки техникӣ зарурат аст) | |
| **34** | Номгӯи маҳсулоту хизматрасониҳои бонкӣ маҳдуд аст; воситаҳои электронии пардохт, аз қабили кортҳои дебетӣ ва | Бонкҳо номгӯи хизматрасониҳои худро бояд бо ин роҳҳо зиёд намоянд:<br>i) ҷорӣ намудани | Бонкҳо | солҳои 2010-2015 | КМБ, БТТА | Бештари чораҳои талабшаванда қисман дар барномаи TAFF-и |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | кредитӣ васеъ истифода намешаванд.<br>Низоми бонкӣ маҳдуд аст (сатҳи пасти М2/ММД, сатҳи пасти амонатҳо нисбат ба ММД ва сатҳи пасти дороиҳои бонкҳо ва қарзҳо нисбат ба ММД).<br>Низом аз бисёр ҷиҳат аз амонатҳо бо асъори хориҷӣ вобастагӣ дорад. | хизматрасониҳои мухталифи пасандозҳо, пасандозҳо бояд дар муқоиса ба даромад аз коғазҳои қиматноки давлатӣ намоябандӣ (индексатсия) шуда бошад (баъди ташкили бозори пул), қурб дар бозори пул (баъди ташкили бозори пул, то ташкили он ба сифати намоя мумкин аст меъёри РЕПО-и БМТ истифода шавад);<br>ii) ҷорӣ намудани намудҳои гуногуни хизматрасониҳои қарзӣ барои додани қарзҳои гуногуни истеъмолӣ.<br>Барои мусоидат ба қарзҳое, ки ба шахсони воқеӣ дода мешаванд, зарур аст, ки усулҳои автоматии аз музди кор нигоҳ доштани маблағ аз худ карда шавад;<br>iii) кор бо чаканафурӯшони калон барои маблағгузории маводе, ки пули он қисм ба қисм баргардонида | | | | БТТА ва барномаи машваратии КТ доир ба қарздиҳии КХМ нишон дода шудаанд.<br>Кӯмаки лозимӣ ба Бонки Эсхата ва Агроинвестбонк дар доираи IBP расонида мешавад.<br>БТТА омода аст дар пешбурди маҳсулотҳои нав кӯмак расонад. |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | мешавад;<br>iv) Зиёд намудани шумораи кортҳо ва амалиёт бо онҳо;<br>v) васеъ намудани доираи истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ бо мақсади интиқоли музди кор ва инкассо;<br>iv) таҳия ва пешниҳоди номгӯи нави хизматрасониҳои қарз бо назардошти талаботи истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ ва коркардкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин лизинг.<br>Ба бонкҳо  зарур аст, ки иқтидор ва имконоти худро дар самтҳои зерин зиёд намоянд:<br>1) таҳия ва озмоиши маҳсулотҳои нав;<br>2) муайян кардани номгӯи маҳсулоте, ки дар бозор талаботи зиёд дорад;<br>3) муайян ва андозагирӣ кардани хавфҳое, ки ба маҳсулоти нави бонкӣ | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | (инчунин маҳсулоти мавҷуда) вобастагӣ доранд. | | | | |
| Е. **Ҳимояи истеъмолкунандагон** | | | | | | |
| **35** | Ҳимояи истеъмолкунандагон дар бахши молиявӣ нокифоя аст. Қонун дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ мавҷуд нест. Мақомоти андоз, прокуратура, дигар мансабдорон, кормандони бонкҳо ба ҳисобҳои муштариён ва маълумоти дигари махфӣ дастрасии беиҷозат доранд (ё дошта метавонанд) , ки ин ба амалияи нохуби дуздии маълумот мусоидат мекунад. Муассисаҳои молиявӣ дар масъалаи моликият, ҳисоботи молиявӣ, реклама, нархи маҳсулоту хизматрасонӣ ё маълумоти дигаре, ки барои истеъмолкунандагон зарур аст, на ҳамеша ба таври шаффоф кор мебаранд. Ин | Заминаи ҳуқуқӣ ва тартиби ҳимояи истеъмолкунандагон дар бахши хизматрасониҳои молиявӣ ва иҷрои он, муқоиса бо амалияи пешқадами байналхалқӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои зерин аз нав баррасӣ гардад[4]:<br>i. институтҳои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон;<br>ii. амалияи ифшои иттилоот ва фурӯш;<br>iii. кор оид ба хизматрасонии муштариён ва пешбурди ҳиссобҳои онҳо;<br>iv. махфият ва ҳифзи | Вазорати молия ва БМТ | соли 2010 | БҶ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | мушкилот дар навбати худ боиси сатҳи пасти боварии аҳолӣ ба муассисаҳои молиявӣ, ҳаҷми ками амонатҳо (аз ҷумла сатҳи пасти интиқолҳои пулӣ, ки ҳамчун амонат ба бонкҳо гузошта мешаванд) ва истифодаи ками дигар хизматҳои молиявӣ мегардад. | маълумот;<br>v. механизмҳои ҳаллу фасли баҳсҳо;<br>vi. нақшаи кафолатҳо ва пардохтнопазирӣ;<br>vii. рақобат ва ҳифзи истеъмолкунандагон.<br>- баъд аз анҷом ёфтани шарҳу баррасӣ нақшаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда ва/ё қонунҳои нав бо шумули амалияи пешқадами байналхалқӣ оид ба ҳимояи истеъмолкунандагон ҳангоми хизматрасонии молиявӣ омода карда шавад.<br>- амалӣ намудани нақшаи воридсозии тағйиру иловаҳо, бознигарӣ ё таҳияи лоиҳаи қонунҳо. | | соли 2010<br><br>солҳои 2011-2012 | | |
| [4] Бонки Ҷаҳонӣ лоиҳаи «Амалияи пешқадам оид ба ҳимояи истеъмолкунандагон ва саводи молиявӣ дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ: усули ташхис» -ро (октябри соли 2008) таҳия намуд, ки онро метавон барои маълумот истифода намуд. | | | | | | |
| **Ё. Инфраструктураи дигари бахши бонкӣ** | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1. Низоми иттилоотии қарзӣ** | | | | | | |
